# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Мирзоев Сухроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 - Илми ахлоқ. - шаҳри Душанбе, 2026. – 178 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия бо назардошти натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ пурра ҷавобгӯйи талаботи илмии ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ мебошад. Он ба меъёрҳои зикршудаи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ ба ҳадафҳои миллии рушди соҳаи ахлоқ мувофиқ аст. Диссерататсияи Мирзоев Сухроб Сулаймонович ба таҳлилу таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрами рӯз - ахлоқ бахшида шудааст, ки дар ҷаҳони тағйирёбандаи муосир ва бегонашавии арзишҳои ахлоқӣ хеле муҳим мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқотҳои илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мавзуи зикршуда бо чунин унвон аз мадди назари чӣ донишмандони хориҷӣ ва чӣ дохилӣ бо сабабҳои гуногун дур мондааст. Боиси таъкид аст, ки диссертант ҷанбаҳои муҳиму мусбии таълимоти ахлоқии Абурайҳони Беруниро дуруст муайян кардааст. Махсусан қисматҳои навгонии мавзуъ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодгардида ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия моҳияти аслии мавзуи таҳқиқотиро фаро гирифта, диссертант ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро низомнок муайян намуда, маҷмуи усулҳои таҳлилиро мақсаднок истифода намудааст. Аз назари диссертант омӯзиш ва пажӯҳиши афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқ, хосатан Абурайҳони Берунӣ пеш аз ҳама дар тарбияи ахлоқӣ ва шаклгирии хислатҳои неки инсонӣ нақши ниҳоят муҳим мебзад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти мазкур, бори нахуст масъалаи афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ мавриди баррасии муфассал қарор гирифтааст. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бозгуи онанд, ки диссертант бори мавзуи мазкурро ба таври системавӣ ҳамчун як назарияи том таҳқиқ намудааст. Диссертант дар ҳафт нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда собит месозад, ки вазифаи аслии ахлоқ аз ислоҳи рафтор ва худсозии инсон тавассути андӯхти дониш ва такмили маърифат иборат аст. Мавзуи афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ ҳамчун предмети таҳқиқот баррасӣ шуда, навгонии илмии он низ нишон дода шудаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқотро метавон ба таври зерин пешниҳод кард:

– гурӯҳбандии дастгоҳи мақулавии ахлоқи Абурайҳони Берунӣ дар заминаи умумии назариявии сохтори ҳастӣ ва маърифатии ӯ;

– дар асоси таҳлили низоми категорияҳои ахлоқии Берунӣ хусусияти дуӣ-мухолифии низоми ахлоқии ӯ ошкор мегардад, ки аз категорияи рафтори нек ва категорияи рафтори бад иборат аст. Абурайҳони Берунӣ бар хилофи дигар ахлоқчиёни асримиёнагӣ ба назарияи «бо зиддият», яъне хислатҳои пасти нафси инсонро маҳкум намуда, ҳамзамон ба хислатҳои некӣ инсонӣ ташвиқ мекунад;

– аҳамияти калидии робитаи категорияҳои адолат ва некӣ дар низоми ахлоқии Берунӣ муқаррар мешавад, ки «адл меваи некӣ аст»;

– байни мероси ахлоқии Берунӣ ва замони муосир робита барқарор шудааст. Назарияҳои умуми - усули ва муносибати мутафаккир ба шарҳи робитаи фалсафа ва ахлоқ, аҳамияти онҳо дар ҳаёти маънавии ҷамъият ва шахсият муайян мешаванд.

1. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаву тавсияҳои диссертант дар диссертатсияи мазкур ба таври илмӣ асоснок ва аз ҷиҳати методологӣ эътимоднок мебошанд. Пеш

аз ҳама, асоснокии онҳо дар такя ба таҳқиқотҳои мавҷудаи наздик ба мавзуъи баррасишаванда ифода ёфтааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада дар он аст, ки диссертант ҳангоми таҳлил ба маҷмуи калони манбаъҳои илмӣ-фалсафӣ такя намуда, усулҳои диалектикӣ, таърихӣ ва мантиқиро ба таври муназзам истифода бурдааст. Ин равишҳо ба ӯ имкон додаанд, ки афкори ахлоқии Абурайҳони Беруниро ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ баррасӣ намояд.

Аз нигоҳи тавсияҳо, диссертант масъалаи нақши афкори ахлоқии Беруниро дар ҳалли мушкилоти маънавӣ ва ахлоқии ҷаҳони муосир ба миён мегузорад. Ин тавсияҳо, гарчи хусусияти назариявӣ доранд, аммо ба воқеиятҳои имрӯз иртибот дошта, метавонанд дар таҳкими арзишҳои маънавии ҷомеа ва худшиносии миллӣ истифода шаванд. Дар ҳамин замина бо итминон метавон таъкид намуд, ки ҳамаи хулосаву тавсияҳои диссертант бо далелҳои илмӣ асоснок буда, аз нигоҳи мантиқӣ ва методологӣ эътимоднок мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори таҳқиқотии анҷомдодашуда аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия**, ки “Шароитҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ” унвон дорад, масъалаҳои шароитҳои иҷтимоию сиёсии даврони Абурайҳони Берунӣ ва сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки Абурайҳони Берунӣро дар замони худ ба ширкат дар ақоиди зиддишаръӣ муттаҳам карданд, аммо мутолиаи мероси илмии ӯ исбот менамояд, ки

мақсади аслии ӯ тарбияи маънавии инсон ва густариши дониш буд. Дар маркази андешаи ӯ, мисли файласуфони классик, масъалаи худшиносӣ ва тарбияи ахлоқии насли ҷавон қарор дошт. Танҳо бо меҳнати пайваста, ахлоқи воло ва донишандӯзии мақсаднок инсон метавонад комёбӣ ба даст оварад (саҳ 43).

**Дар боби дуюми диссертатсия**, "Андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ", мавзуъҳои ҳаёт ва мероси фалсафию ахлоқии Абурайҳони Берунӣ, ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ дар таълимоти фалсафии Абурайҳони Берунӣ таҳлил ва баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, диссертант иброз менамояд, ки омӯзишии муфассали таълимоти фалсафӣ ва ахлоқии Абурайҳони Берунӣ моро ба хулосае мерасонад, ки ҷаҳонбинии ӯ дар мавриди маърифати дунё бархе таноқузҳои ботиниро дар бар мегирад. Аз як тараф, ӯ ҳамчун тафаккуркунандаи реалист ва ҷонибдори усули маърифати таҷрибавӣ, шинохтро бар асоси эҳсос ва ақл тартиб медиҳад ва онҳоро ду зинаи пайдарпай ва асосӣ дар роҳи дарки воқеият меҳисобад. Аз тарафи дигар, вақте ки фалсафаи маърифатро бо таълимоти илоҳӣ мепайвандад ва эълом медорад, ки ақл атои бевоситаи Худованд аст, диди у ранги динӣ касб мекунад. Ин тавъамии равшан байни ақлу ваҳй ва ҳамзамон моддӣ ва ғайримоддӣ, ҷаҳонбинии Берунӣро дар чорчӯбаи назарияи дуалистӣ, яъне андешаи дуасосии ҳастӣ қарор медиҳад. Дар ин мавридд, назару равиши ӯ бо тафаккури Ибни Сино шабоҳати равшан пайдо мекунад (саҳ 103).

**Дар боби сеюм, ки** "Нақши ақидаҳои фалсафӣ – ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон" ном дорад, масъалаҳои фазилатҳои ахлоқӣ дар низоми ахлоқии мутафаккир ва аҳаммияти андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ барои замони муосир таҳлил гардидаанд. Ба ақидаи Берунӣ ҳеҷ як фаъолияти инсонӣ, ҳеҷ амале хусусияти пешакӣ муайяншуда надорад. Ҳеҷ гуна хислатҳои инсонӣ низ пешакӣ муайян карда нашудаанд, баръакс, тамоми кирдор ва хусусияти хислатҳои одам дар раванди амалияи ҳаёти

ҷамъиятии ӯ ташаккул меёбанд, зеро вай дар ҷамъият зиндагӣ мекунад, ки дар он ҷо аз қадим ченакҳои рафтор вуҷуд доранд ва онҳое, ки меъёрҳои тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунанд, барои ҳар як кори кардаашон мукофоти дахлдор интизор аст. Шахс бояд ҳамеша одоби хуб ва меъёрҳои муқарраршудаи ахлоқии рафтор ва тартиботи ҷамъиятиро риоя кунад. Ҳамчун мавҷуди бохирад рафтори дуруст дошта, аз дигар мавҷудоти рӯи замин бо расму одобу ахлоқи неки худ фарқ кунад. Иродаи худро ба худ тобеъ кунад ва дар ҳама чиз ақлро ҳидоятгар кунад.

**Хулоса аз 12 банд иборат буда** ҳар кадоми онҳо натиҷаи мустақими таҳқиқоти назариявию мантиқӣ ва муқоисавӣ мебошанд. Бандҳои мазкур муҳимтарин дастовардҳои илмии кори диссертатсионӣ ба шумор рафта, паҳлуҳои гуногуни масъалаи афкори ахлоқии Абурайҳони Берунира дар бар мегиранд. Бахусус, қайд карда мешавад, ки таҳлили диди фалсафӣ ва ахлоқии Берунӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ҳастӣ дар низоми тафаккури ӯ ҳамрадиф бо таълимоти фалсафии Юнони бостон баррасӣ шудааст. Дар масъалаи вуҷуд ва ҷаҳонбинии умумӣ, ӯ равиши возеҳан материалистӣ дорад. Аз ин ҷост, ки баъзе файласуфони рӯҳмеҳвар, ба монанди Абуҳотами Розӣ, Носири Хусрав, қозӣ Саъдии Андалусӣ, Алӣ ибни Муҳаммади Ҷурҷонӣ ва дигарон талош варзиданд, ки дидгоҳҳои ӯро рад намоянд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Ҷаҳонишавии арзишҳои ғарбӣ ва бегонашавию тағйирёбии арзишҳои фарҳангӣ дар шароити имруза вусъати тоза касб карда, пеш аз ҳама ба коста гаштани ахлоқ ва риоя нашудани меъёрҳои ахлоқӣ вобастагӣ доранд.

Дар таълимоти Абурайҳони Берунӣ ба масъалаи шарҳу тавзеҳи мафҳуми ахлоқ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ, таҳлил ва баррасии сифатҳои ҳамида ва носазои инсонӣ, ки фардро барои содир кардани амалҳои накую зишт равона медорад ва ғайра таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, тавсияву андешаҳои арзишманд баён мегардад. Тавсияву пешниҳодҳои мутафаккир доир ба ин масъала барои ҷомеаи имрузаи мо ҷиҳати

ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, худшиносии миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва руй наовардан ба бегонапарастӣ метавонад нақши муассир гузоранд.

Тавсияву пешниҳодҳои ӯ барои таҳкими ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ новобаста аз дигаргуниҳои ҷомеаи муосир, мустаҳкам кардани робитаҳои байни оила, мактаб ва ҷомеа, ки дар раванди таълиму тарбияи шахсияти комил ҳамчун ниҳодҳои калидии ҷомеа мебошанд, ҳамаҷиҳата мусоидат менамоянд. Ин таҳқиқоти илмӣ дар навбати худ, метавонад дар ташаккули маънавиёти шахсият ва таҳкими арзишҳои инсонгароёна дар фазои ислоҳоти маънавии Тоҷикистони имрӯза нақши муассир бозад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Диссертант натиҷаҳои таҳқиқро дар 5 мақолаи илмии маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Аз ҷиҳати ҳаҷм, сохтор, мазмун ва барасмиятдарорӣ диссертатсия пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисола баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки онҳоро ба таври зерин метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсия баъзан ҳолатҳои ифодаи ғайримантиқии фикр оиди ин ва ё он масъалаи матраҳшаванда ба назар мерасад. Масалан дар саҳифаи 4 диссертатсия муаллиф чунин менависад: Дар ин росто, омӯзиш ва густариши тартиби мероси эҷодии мутафаккири барҷастаи асрҳои X-

XI тоҷику форс Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунӣ, бузургҷуссаи беҳамтои афкори илмӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ, олими мутабаҳҳири асримиёнагӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад.

2. Диссертант дар заминаи баёни фикр дар бисёре аз маворид аз мафҳумҳои арабӣ истифода мẹнамояд, ки ин хонандаро водор менамояд, барои дарки он ба луғат ва фарҳангҳо рӯй оварад. Масалан дар матни асосии  диссертатсия дар 8 ҳолат бо мафҳуми "мутабаҳҳир" метавон дучор омад, ки муаллиф албата метавонист аз гузинаи форсии ин мафҳум истифода намояд ва ё ҳади ақал дар поварақ мафҳуми мазкурро шарҳ бидиҳад.

3. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, диссертант ба таҳқиқотҳои илмии ба мавзуи мавриди назар қаробатдоштаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ назар намуда, аз баёни муҳимтарин таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомёфта худдорӣ менамояд. Барои мисол соли 2016 муҳаққиқи тоҷик Маҷидов Д.Ҳ. дар мавзуи "Фалсафаи табииёти Абурайҳон Берунӣ (Натурфилософия Абу Райхана Бируни)" рисолаи номзади дифоъ намудааст, ки рисолаи мазкур дар Тоҷикистон аз аввалин кӯшишҳо дар самти омӯзиш ва пажуҳиши фалсафаи Берунӣ ба ҳисоб меравад, аммо муаллиф дар дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ боре ҳам аз он ёдовар намешавад, ки инро метавон нодида гирифтани заҳмати илмии як нафар муҳаққиқ ҳисобид.

4. Дар зербоби аввали боби дувуми диссертатсия диссертан ба таҳқиқи ҳаёт ва меросӣ фалсафиву ахлоқии Абурайҳони Берунӣ мепардозад. Хуб мебуд, агар диссертант масъалаи мазкурро дар боби аввали диссертатсия баррасӣ намуда, боби дувум ва севуми диссертатсия яъне чор зербобро пурра ба масъалаи афкори ахлоқии мутафаккир мебахшид, зеро ҳамагӣ дар доираи се зербоб пайгирии масъала кофи нахоҳад буд.

5. Дар диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор чандон таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович, ки дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 - Илми ахлоқ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи зарурӣ навишта шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 - Илми ахлоқ мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва фиёсатшиносии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода
Маҷидов Диловар Ҳафизович ______________

Суроға:734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992) 98011 44 22
E-mail: dilovar8181@bk.ru

Имзои Маҷидов Диловар Ҳафизовичро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна ______________

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

**Суроғаи муассиса:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992-37) 232-50-03
E-mail: rector@ddzt.tj
«07» январи 2026